**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 – и назди Академияи ВКД ҶТ**

# ТАҚРИЗ

**Ба рисолаи илмии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

Дар даврони муосир тафтиши ҷиноят як фаъолияти мураккаб ва бисёрҷанба ба шумор меравад. Дар ин ҷода тадбирҳои ташкилӣ асосан ба беҳтар кардани сифати тафтишот нигаронида шудааст. Тавассути тадбирҳои ташкилӣ имкони самаранок гузаронидани амалҳои тафтишӣ шароит фароҳам оварда шуда, дар ин замина фаъолияти ҳамоҳангшудаи муфаттиш, кормандони оперативӣ, мутахассисон ва дигар иштирокчиёни тафтишот дуруст роҳандозӣ мегардад. Дар асоси тадбирҳои ташкилӣ тавсияҳои амалӣ дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки раванди фаъолияти иштирокчиён дар амалиётҳо муайян гардида, шароити муносиби ин амалиёт бозгӯӣ карда мешавад. Муайян кардани ҳолатҳое, ки дар парванда муқаррар карда мешаванд, ба раванди ташкилию таҳлилӣ хос буда, онҳо барои тафтишот аҳаммияти асосӣ доранд.

Яке аз сабабҳои асосӣ ва умумии вазъияти бамиёномадаи мубориза бо ҷинояткорӣ, на танҳо сатҳи касбияти тафтишот, дуруст ба роҳ мондани ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷинояткорӣ ва сифати ҳамкории мақоми амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии ғайриқаноатбахш, балки инчунин, сатҳи нокифояи таъмини кормандони тафтишу таҳқиқот бо тавсияҳои тактикии илман

коркарду тахияшуда доир ба ҳалли самараноки вазифаҳои мухталифи муосири тафтишот мебошад.

Яке аз чунин вазифаҳои муҳим – аз тарафи муфаттишон муқаррар намудани гунаҳгорӣ ё бегуноҳии гумонбаршавандагон ва айбдоршавандагон дар ҷараёни санҷиши далелҳое, ки нишондоди онҳоро фаро мегирад ва дар асоси истифодаи объективӣ ва аз лиҳози тактикӣ моҳиронаи далелҳои ҷамъоваришуда, махсусан, дар ҳолате, ки ба чунин санҷиш аз тарафи шахсони зикршуда бо роҳи эътироф накардани далелҳои ҷамъоваришуда, додани нишондоди бардуруғ, истинод ба далелҳои бардуруғ, пешниҳоди фактҳои сохташуда ва ғайра муқовимат нишон дода мешавад, ба ҳисоб меравад. Тавре таҷрибаи тафтишӣ нишон медиҳад, дар чунин вазъият ба муфаттишон на ҳама вақт муяссар мешавад, ки чунин муқовиматро бартараф созанд ва баъзан, ҳатто ба хатоҳои тактикӣ ва вайронкунии талаботи қонун роҳ дода мешавад, ки дар ниҳоят боиси ғайриимкон гардидани ошкорсозии ҷиноятҳо мегардад.

Дар ин таҳқиқот ба унсурҳои навгонии илмӣ ҳамчунин истифодаи усулҳо ва тарзҳои дигар илмҳоро, ки шартҳо ва вазифаҳои фаъолият оид ба ҷамъоварии далелҳоро дар тафтиши пешакӣ дар рафти гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ муайян мекунанд, мансуб донистан мумкин аст, алалхусус, мавқеи муҳимро баррасии таъсири омили психологӣ ба ҷараёни омодагӣ ва гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ, омӯзиши шахсияти айбдоршаванда, ки нишондоди ӯ санҷида мешавад ва баҳо додани натиҷаҳои бадастомада ишғол менамояд.

Бори аввал аст, ки муаллиф дар хусуси имконияти эътирофи натиҷаҳои мусбии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса аз рӯйи парвандаҳо оид ба одамкушӣ бо иштироки ташаббускорона ва самарабахши айбдоршаванда (гумонбаршаванда) ҳамчун ҳолате, ки ба «фаъолона мусоидат намудан дар ошкор кардани ҷиноят ...» равона гардидааст, ибрози андеша намудааст.

Муаллифи рисола дуруст зикр мекунад, ки дар замони имрӯза таҷрибаи тафтишӣ бо маҷмуи тавсияҳои тактикии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ доир ба гузаронидани санҷиши нишондоди гумонбаршаванда ва айбдоршаванда, махсусан дар шароитҳои мураккаби муосири муқовимат ба пешбурди тафтиши ҷинояти одамкушӣ ва санҷиши ишорашуда, ба андозаи пурра таъмин намебошад. Дар робита ба ин, хулоса баровардан мумкин аст, ки имкониятҳои эҳтимолии криминалистика доир ба таъмини илмии санҷиши нишондоди гумонбаршуда ва айбдоршаванда вобаста ба ҷинояти одамкушӣ, махсусан дар вазъияти муқовимат ба он, ҳанӯз ҳам на дар адабиёти криминалистика ва на дар таҷриба ба қадри кофи амалӣ намешаванд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ: диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳдили муқоисавӣ ва усулҳои оморӣ истифода шудаанд. Дар маҷмӯъ, истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав оид ба мавзуи таҳқиқот ва ба даст овардани дигар натиҷаи устувори илмӣ мусоидат намуд. Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар баробари бартариятҳо баъзе тавсияҳо нисбати автореферати диссертатсияи Аҳмадзода М.С., пешниҳод кардан мумкин аст: Хуб мешуд аз тарафи муаллифи рисола проблемаҳои истифодаи техника ва технологияи муосир дар раванди гузаронида санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкуши мавриди омузиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор дода мешуд. Дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷонмдодаи Аҳмадзода М.С. аз рӯйи навгони ва мубрамият таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**Муқарриз:**
**Декани факултети ҳуқуқшиносии**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**н.и.ҳ. дотсент** **Саъдиев И.З.**

**Имзои Саъдиев И.З.- ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ғаюров Ф.З.**

«03» майи 2024с.

**Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,**
**тел/факс: (992 37) 224-17-86, 228-92-20,**
**Email: info@apa.tj, https://www.apa.tj**